# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид ба масъалаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ – яке аз қисмҳои муҳимми таркибии тарбияи ахлоқӣ бахшида шуда, натиҷаҳои тадқиқот барои дар сатҳу сифати зарурӣ ба роҳ мондани тарбияи ахлоқии хонандагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол мусоидат хоҳад кард.

Муҳаққиқ бо дарки дурусти масъалаи таҳқиқшаванда иброз намудааст, ки шароити муосири гузариши ҷамъият ба сатҳи нави тараққиёти худ такмили меъёрҳои ахлоқи умумиинсониро ба миён мегузорад. Ҳамзамон, унвонҷу дуруст изҳори ақида намудааст, ки имрӯз вазифаи илми педагогика ва олимону муҳаққиқон аз он иборат аст, ки такмили роҳҳои самараноки тарбияи ахлоқии хонандагонро ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ намуда, дар тарбияи ахлоқи шоистаи наслии наврас истифода баранд.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр дар хонандагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар илми педагогикаи муосир комилан масъалаи нав буда, дар ташаккули шахсияти хонандагон яке аз масъалаҳои калидӣ ба ҳисоб меравад.

Шиносоӣ бо мазмуни автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷу воқеан ба таҳқиқи масъалаи мазкур ҷиддӣ муносибат намудааст. Аз ин ҷост, ки роҳҳои муфид ва самараноки дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқиро илман асоснок намуда, тариқи гузаронидани озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар амал татбиқ намудааст. Ҳамзамон унвонҷу бо назардошти ин,

таҷрибаи оилаҳои муваффақро дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол тарғиб намудааст, ки ин кори анҷомдодаи ӯ қобили дастгирист.

Унвонҷу дар ҳар марҳилаи таҳқиқот оид ба корҳои анҷомдода ҳулосаҳои мантиқан дурусти илмӣ баровaрда, дар ин замина ба падару модарон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол тавсияҳои судманд ироа намудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки дар он шароитҳои педагогӣ ва мавқеи истифодаи самараноки корҳои тарбиявӣ, ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ мутобиқ бо замони муосир роҳандозӣ гардидааст; мақсади асосии риояи қоидаҳои рафтори ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни мақсаднок ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ муайян карда шудааст; дар ҷараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии корҳои тарбиявӣ ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ тадбирҳои судманд андешида шудааст.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот мантиқан ва мувофиқи талаботи оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мавҷудбуда ба шакл даровaрда шуда, пояи илмии таҳқиқот, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқот, анҷоми ҳар як даврaи таҳқиқот давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботҳои қабулшуда нисбат ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаи назари олимони соҳаи педагогика ва психология муфассал таҳлил карда шуда, дар ҳамин замина нуқтаи назари худи унвонҷу низ асоснок карда шудааст.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои болозикр таҳқиқоти анҷододашуда кори арзишманди илмӣ ба ҳисоб рафта, унвонҷӯ Саидзода Ниёзмуҳаммад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика мебошад.

Муқарриз,

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
ноиби ректор оид ба идеология,
тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Зулфия Кабир

*Имзои Аҳмадзода З.К-ро тасдиқ мекунам*
*Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* *Ғаюров Ф.*

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33 Тел: +992985459980; E-mail: zuifiya did.@mail.ru